# ХУЛОСАИ НИҲОИИ

Шурои диссертатсионии 6D.КОА-002-и дар назди Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ оид ба кори диссертатсионии **Қамчибекзода Гулнора Эшон** дар мавзуи «**Маърифати педагогӣ – психологии волидон ҳамчун омили самарабахши таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар оила**», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот, пешниҳод шудааст.

**Парвандаи аттестатсионии №____________**
**Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 23 августи соли 2025, №16.3 «Оид ба сазовор донистани дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ ба шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон Қамчибекзода Гулнора Эшон »**

Диссертатсияи **Қамчибекзода Гулнора Эшон** дар мавзуи «**Маърифати педагогӣ – психологии волидон ҳамчун омили самарабахши таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар оила**», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот бо қарори Шурои диссертатсионии 6D.КОА-002-и назди Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз **аз 10 майи соли 2025**, №16.1 ба ҳимоя қабул карда шудааст.

**Қамчибекзода Гулнора Эшон** соли 2007 ба Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси “Психология” дохил шуда, онро соли 2012 бо ихтисоси психолог, муаллим хатм кардааст (диплом №ДТО №0117456).

**Қамчибекзода Гулнора Эшон** бо фармоиши №72-05 аз 08.02.2013 ба таълими унвонҷуи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот дохил гардида, онро бо фармоиши №76-05 аз 20.03.2017 хатм намудааст.

Фаъолияти кории худро аз соли 11.09.2011 ба ҳайси мудири лабораторияи кафедраи психология шуруъ намудааст. Аз 01.09.2015 ба вазифаи ассистенти кафедраи мазкур интихоб гардидаанд.

Мавзуи рисолаи номзадии худро аз 09.10.2015, №01 дар Шурои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тасдиқ намуда, зери роҳбарии д.и.п., профессор Юнусова Н.М. ба фаъоияти илмӣ-таҳқиқотӣ машғул гардидааст.

Натиҷаҳои таҳқиқотӣ дар 18 интишороти муаллиф инъикос ёфтаанд, ки аз он 8-то мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Қамчибекзода Гулнора Эшон** муҳокимаи рисолаи илмии худро дар ҷаласаи кафедраи умумидонишгоҳии педагогика аз 17.01.2024, №6 гузаронида аст.

Довталаби дараҷаи илмӣ **Қамчибекзода Гулнора Эшон** имтиҳонҳои минимуми номзадиро аз фанни таърих ва фалсафаи илм дар таърихи 29.04.2015 бо баҳои хуб, аз фанни забони хориҷӣ (англисӣ) дар таърихи 17.05.2023 бо баҳои хуб ва Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот санаи 27.05. 2024 бо баҳои аъло супоридааст.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳоноти номзадиро Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 05.06.2023, №72 додааст.

Шурои диссертатсонӣ дар асоси хулосаи комиссияи экспертӣ аз 3-юми июни соли 2025, суратҷаласаи №16.2. диссертатсияро барои ҳимоя иҷозат додааст.

Эълон оид ба ҳимояи рисола ва автореферат дар сомонаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар бахши «Шурои диссертатсионӣ» дар зерсаҳифаи эълонҳо аз 7-уми июни соли 2025 ва дар сомонаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18-уми июни соли 2025 ҷойгир карда шудаанд.

Автореферати диссертатсия тибқи феҳрист 17-уми августи соли 2025 ирсол гардидааст.

Диссертатсия ва автореферати он аз низоми Антиплагиат гузаронида шудааст, ки аслияти матнҳо мутаносибан ба 70,07% (бо назардошти иқтибосҳо 75,1%) ва 89,75% (бо назардошти иқтибосҳо 91,24%)-ро ташкил медиҳад.

Тақризҳо ба диссертатсия ва автореферат дар муҳлати муайяншуда ворид шуда, дар сомонаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ҷой дода шудаанд.

Ҳуҷҷатҳои аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ ба Шурои диссертатсионӣ пешниҳодшуда тибқи талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба расмият даровarда шуда, дар парвандаи аттестатсионии ӯ маҳфузанд.

**Роҳбари илмӣ:** Юнусова Нафисахон Муродовна д.и.п. профессори кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва **муқаризони расмӣ: Иматзода Лутфия Маҳмадулло** – доктори илмҳои педагогӣ, профессор, мудири шуъбаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, **Вализода Шоирахон** – номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, **Муассисаи пешбар** Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода ба диссертатсияи **Қамчибекзода Гулнора Эшон** баҳои мусбат додаанд.

**Муассисаи пешбар** – Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода ба диссертатсияи **Қамчибекзода Гулнора Эшон** тақризи дода, онро бо имзоҳои раиси ҷаласа, номзади илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳӣ Нарзуллоев Ҳайбулло Саъдуллоевич ташхисгар, номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи педагогика ва психология **Шарипов Мухсин Ғаффорович** ва котиби ҷаласа номзади илмҳои педагогӣ Нураҳмадзода Дилафруз бо суратҷаласаи №11 аз

17.06.2025 таҳия шуда, аз ҷониби ректори муассиса профессор **Гулназарзода Жило Бурӣ** аз 17.06.2025 тасдиқ карда шудааст.

Мазмуни тақриз мусбат буда, дар он мубрамияти мавзуъ, моҳияти илмӣ-назариявӣ ва амалии он ва инчунин саҳми худи муаллиф зикр гардидааст.

Аз тақризи муассисаи пешбар бармеояд, ки дар рисола дар баробари муваффақиятҳои зиёд баъзе нуқсонҳои зерин ба назар мерасанд, ки ислоҳи минбаъдаи онҳо боиси боз ҳам баланд бардоштани сатҳу сифати пажуҳишоти оянда хоҳад буд:

1. Дар диссертатсия ба мафҳуми "маърифати педагогии волидон" таваҷҷуҳи зиёд шудааст, вале тавсия мешавад, ки мафҳумҳои махсуси педагогикаи оилавӣ ва таъсири онҳо ба рафтори кӯдакон аниқтар ва муфассал таҳлил шаванд. Маърифати педагогии волидон на танҳо шомили донишҳои умумии педагогӣ мебошад, балки ин дониш бояд дар доираи амалии ҳар як оила ва ҳолати фарди кӯдак иҷро шавад.

2. Ба диссертатсия ба нақши ҳамкории волидон ва омӯзгорон дар ташаккули маърифати педагогии кӯдакон кам таваҷҷуҳ дода шудааст. Як нуқтаи муҳим, ки бояд ба он бештар диққат дода шавад, ин аст, ки чӣ гуна волидон ва омӯзгорон метавонад ҳамкории самарабахшро барои ба самар расонидани раванди таълим ва тарбия ташкил кунанд.

3. Маърифати педагогӣ ва психологӣ, ки дар диссертатсия таъриф ёфтааст, каме умумӣ ба назар мерасад. Беҳтар мешуд, ки агар дар таҳқиқот ба равандҳои амалӣ ва психологӣ дар муносибатҳои оилавӣ, махсусан дар баробари кӯдакони синфҳои ибтидоӣ, таваҷҷуҳ ва амалишавӣ бештар шеваҳои муфасал ва мушаххас роҳандозӣ шавад.

4. Дар диссертатсия мазкур аз асарҳои илмии олимони хориҷию ватанӣ истифода шудааст, вале агар диссертант аз корҳои илмии муҳаққиқони ватанӣ бештар истифода мебурд, кори диссертатсионӣ боз ҳам диққатҷалбкунанда мешуд.

Муассисаи пешбар дар тақризи худ қайд мекунанд, ки эродҳои дарҷшуда, хусусияти мубоҳисавӣ дошта, аҳаммияти илмӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсиониро коста намегардонида, баҳои мусбати диссертатсияро тағйир намедиҳанд. Диссертант метавонад ин эродҳоро дар таҳқиқоти минбаъда барои боз ҳам пурратар ва васеътар фаро гирифтани таҳқиқ ба кор барад.

Ҳамин тавр, диссертатсияи *Қамчибекзода Гулнора Эшон* ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №267 аз 30.06.2021 тасдиқ карда шудааст, ҷавобгӯй буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мебошад.

**5 номгӯйи мақолаҳои илмии** зерини довталаби дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи аз ҷониби КОА-и назди Президентии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда ба табъ расидаанд, ки мазмуни асосии диссертатсияро инъикос мекунанд:

**[1-М]** Қамчибекова Г.Э. Ҳамкории мактаб ва оила – омили муҳимми маърифати педагогии волидон/Г.Э. Қамчибекова //Паёми ДМТ (маҷаллаи илмӣ). – №3/3 (2074). – Душанбе: «Сино», 2016. – С.255-260.

[2-М] Қамчибекова Г.Э. Маърифати психологӣ-педагогии волидон ва роҳҳои баланд бардоштани он / Г.Э. Қамчибекова //Паёми ДМТ (маҷаллаи илмӣ). – №3/5 (2074). – Душанбе: «Сино», 2017. – С.219-223.

[3-М] Қамчибекова Г.Э. Маърифати оиладорӣ – омили муҳимми омодагии ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ/ З.П. Ризвонова, Г.Э. Қамчибекова //Паёми ДМТ (маҷаллаи илмӣ). №3 (2074). – Душанбе: «Сино», 2018. –С.258-265.

[4-М] Қамчибекова Г.Э. Ризвонова З.П. Ҷанбаҳои психологии мутобиқшавии оилаҳои ҷавон ба ҳаёти оилавӣ (дар мисоли оилаҳои деҳот ва шаҳр) /З.П. Ризвонова, Г.Э. Қамчибекова//Паёми ДМТ (маҷаллаи илмӣ). №5 (2074). – Душанбе: «Сино», 2019. – С.308-314.

[5-М] Қамчибекова Г.Э. Маърифати педагогии волидон ҳамчун омили беҳинасозии тарбияи кӯдак дар оила / Г.Э. Қамчибекова //Паёми АТТ (маҷаллаи илмӣ). – №2 (31). – Душанбе: «Сино», 2019. – С. 48-52.

[6-М] Қамчибекова Г.Э. Нақши меҳварии оила дар рушди шахсияти кӯдак / Г.Э. Қамчибекова //Паёми ДМТ (маҷаллаи илмӣ). – №8 (2074). – Душанбе: «Сино», 2021. – С.223-229.

[7-М] Қамчибекова Г.Э. Раҳёфтҳои муосир оид ба масъалаи маърифати психологӣ-педагогии волидайн бо дарназардошти анъанаҳои миллии тарбияи оилавии тоҷикон / Н.М. Юнусова, Г.Э. Қамчибекова//Паёми ДМТ (маҷаллаи илмӣ). №11, қисми II (2074). – Душанбе: «Сино», 2023. – С.204-210.

[8-М] Қамчибекова Г.Э. Маърифати педагогии волидон ҳамчун омили беҳинасозии тарбияи кӯдак дар оила /Г.Э. Қамчибекова //Паёми АТТ (маҷаллаи илмӣ). – №2 (31). – Душанбе, 2019. – С.48-52.

[9-М] Қамчибекова Г.Э. Тренинги педагогӣ – психологӣ ҳамчун воситаи маърифаткунонии волидон/Г.Э. Қамчибекова//Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ (солҳои 2019-2021)» ва «400 – солагии Миробид Саидои Насафӣ». Ҷилди II.-Душанбе, 2019. – С.107.

[10-М] Қамчибекова Г.Э. Нақши тарбияи ахлоқи маънавӣ дар омодагии ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ/ Г.Э. Қамчибекова, З.П.Ризвонова // Маводи Конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявии ҳайати устодону кормандони кафедраи психология бахшида ба Даҳсолаи байналмиллалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028», «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ», «140-солагии зодрӯзи Қаҳрамони Тоҷикистон Садриддин Айнӣ» ва «70-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон». –Душанбе, 2018. – С. 326.

[11-М] Қамчибекова Г.Э. Нақши маърифатнокии волидон дар тарбияи фарзандон/ Г.Э. Қамчибекова, З.П.Ризвонова // Маводи Конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявии ҳайати устодону кормандони кафедраи психология бахшида ба Даҳсолаи байналмиллалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028», «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ», «140-солагии зодрӯзи Қаҳрамони Тоҷикистон Садриддин Айнӣ» ва «70-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон». – Душанбе, 2018. – С. 327.

[12-М] Қамчибекова Г.Э. Вобастагӣ аз бозиҳои компютерӣ ҳамчун мушкилоти давраи муосир/ Г.Э. Қамчибекова, Н.М. Юнусова//Маводи конференсияи илми-амалии ҷумҳуриявӣ «Фарҳанги иттилотии шахс: ташаккул

ва инкишофи он” (маҷмуаи илмӣ) (19-20 октябри соли 2016).-Душанбе, 2016., С.-18-21.

**[13-М]** Қамчибекова Г.Э. Ҳамкори мактаб ва оила дар маърифаткунонии волидон/Маводи конференсияи ҷумҳурии илмӣ – назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба «25 – солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, 2016, С. -48.

**[14-М]** Қамчибекова Г.Э. Нақши чорабиниҳои оилавӣ дар ташаккулёбии худшиносии миллӣ/ Г.Э. Қамчибекова, З.П. Ризвонова, //Ба қуллаҳои дониш. Нашрияи ДМТ, №14, соли 2015. – С.12.

**[15-М]** Қамчибекова Г.Э. Сабабҳои бавуҷудоии низоъ дар оилаҳои ҷавон / Г.Э. Қамчибекова// Масоили мубрами психологӣ дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон. (Маҷмуаи мақолаҳои илмӣ). Нашри 2. Психологияи муносибатҳои оилавӣ. – Душанбе, 2016. – С. 161-168.

**[16-М]** Қамчибекова Г.Э. Нақши меҳвари оила дар рушди шахсияти насли наврас/ Г.Э. Қамчибекова, З.П. Ризвонова// Масоили мубрами психологӣ дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон (маҷмуаи мақолаҳои илмӣ). Нашри 2. Психологияи муносибатҳои оилавӣ. – Душанбе, 2016. – С. 174-180.

**[17-М]** Қамчибекова Г.Э. Маърифати педагогӣ ҳамчун воситаи тарбия/ Г.Э. Қамчибекова//Маводи конференсияи илми-амалии ҷумҳуриявӣ «Оила ҳамчун институти иҷтимоӣ ва сарчашмаи рушди ҷомеа» (маҷмуаи илмӣ) (17-18 июни соли 2015). – Душанбе, 2015. – С.41-45.

**[18-М]** Қамчибекова Г.Э. Усулҳои нави педагогикунонии ҳамкории мактаб ва оила/ Г.Э. Қамчибекова, Н.М. Юнусова//Маводи конференсияи илми-амалии ҷумҳуриявӣ «Модерзатсияи системаи таҳсилоти ҷумҳуриявии Тоҷикистон (мисол ва дурнамо)”, (маҷмуаи илмӣ) (21-22 октябри соли 2015).-Душанбе, 2015., С.-14-17.

**Ба автореферати диссертатсия 3 тақриз аз тарафи шахсони зерин ба Шурои диссертатсионӣ ворид шудааст:**

1. Доктори илмҳои педагогӣ, профессор, ноиби президенти Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Каримова Ирина Холовна
2. Номзади илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи психология ва сотсиологияи идоракунии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон **Файзалиев Ҷурахон Ҷумаевич**
3. Номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, директори Муассисаи давлатии таълимии “Литсейи касбии техникии сохтмонии шаҳри Душанбе **Саидзода Аҳмадшо Раҳматшо**

Ҳамаи 3 нафар муқарризони автореферати **Қамчибекзода Гулнора Эшон** дар тақризи худ мубрамии таҳқиқот ва арзиши илмии онро тасдиқ намудаанд.

Ҳамин тавр, дар асоси 3 тақризи озоди пешниҳодгардида, маълум гардид, ки автореферати диссертатсияи **Қамчибекзода Гулнора Эшон** дар мавзуи «**Маърифати педагогӣ – психологии волидон ҳамчун омили самарабахши таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар оила**», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №267 аз 30.06.2021 тасдиқ карда шудааст, ҷавобгӯй буда, муаллифи он сазовори

дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мебошад.

**Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар** дар асоси қарори Шурои диссертатсионии 6D.КОА-002, аз 3-юми июни соли 2025, №16.2 тибқи банди 61 Низомнома оид ба Шурои диссертатсионӣ ва бандҳои 67, 69 ва 74-75 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, асоснок гардидааст.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки дар асоси таҳқиқоти анҷомдодаи довталаби дараҷаи илмӣ корҳои зерин иҷро шудаанд:**

**Навгонии илмии таҳқиқот:**

– технологияи нави маърифати педагогию психологии волидон барои тарбияи оила дар заминаи анъанаҳои миллӣ таҳия карда шуд;

– бо мақсади ошкор кардани маърифати педагогию психологии волидон ҳамчун омили самарабахши таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар оила, пурсишнома ва нақшаи суҳбати педагогӣ бо хонандагон тартиб дода шуд;

– мутобиқ намудани пурсишномаи педагогӣ, яъне “хусусиятҳои тарбияи оилавӣ”, “дараҷаи маҳорати коммуникативии волидон”, “хусусиятҳои муоширати волидон ба кӯдакон” бо дарназардошти талаботи методҳои сотсиологии мутобиқ ба шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– самаранокии истифодаи технологияҳои нави маърифати педагогӣ бо мақсади баланд бардоштани маърифати педагогию психологии волидон дар муассисаҳои барои таҷрибагузаронӣ пешбинигардида пайгирӣ карда шуд;

– барномаи маърифати педагогию психологии волидон барои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ таҳия карда шуд;

– модели маърифати педагогию психологии волидон ҳамчун омили самарабахши таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар оила таҳия, илман асоснок ва ба амал ҷорӣ карда шудааст;

– маърифати педагогию психологии волидон ҳамчун омили самарабахши таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар оила, анъанаҳои миллӣ дар тарбияи оилавӣ, маълумотнокии волидон, ҳамкории мактаб бо оила муайян карда шудаанд.

**Ба ҳимоя муқаррароти зерин пешниҳод мегарданд:**

1. Амсилаи татбиқи равобити волидон бо мактаб бо дар назардошти талаботи маърифати педагогию психологии волидон барои ташаккули тарбияи маърифатӣ;
2. Омӯхтан, ба низом даровардан ва тавсифи маҳорати педагогии омӯзгор дар интихоби методҳои самарабахши таълим;
3. Ба вуҷуд овардан ва истифода намудан аз вазъиятҳои проблемавии педагогию психологӣ ҳангоми татбиқи равобити мактабу оила, ҳамчун заминаи самарабахши таълиму тарбияи хонанда;
4. Технологияи мутобиқати талаботи ягонаи мактабу оила ва мутобиқати амалиёти онҳо бо мақсади рушди маърифати педагогию психологии волидон бо натиҷаҳои бадастовардашудаи таълимӣ;

5. Тавсифи сарчашмаҳо, омилҳои дохилӣ ва тамоюлҳои мусбат дар худинкишофдиҳии волидон, кӯшиши онҳо ба худтакмилдиҳӣ барои ноил шудан ба дараҷаҳои маърифатнокии педагогӣ.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки маълумоти илмии бадастовардашударо метавон барои амалигардонии маърифатноккунии волидон, коркарди барномаҳо, дастурҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ истифода бурд. Натиҷаҳои таҳқиқотро барои таҳқиқи минбаъдаи мавзуъ дар доираи дигар илмҳо низ истифода бурдан мумкин аст. Инчунин, ин натиҷаҳоро метавон ҳангоми таълими курсҳои «Маҳорати коммуникативии волидон», «Муоширати педагогии волидон», «Муносибатҳои волидон дар оила», «Педагогикаи омӯзгорӣ» ва «Педагогикаи синнусолӣ» ба таври васеъ истифода бурд.

**Аҳамияти амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ бо ироаи ин фарзияҳо** муайян карда шуданд:

– таҳлили адабиёти мавҷуда, омӯхтан ва ҷамъбаст намудани таҷрибаи пешқадами омӯзгорон;

– мушоҳидаи мунтазам ва давомнок ба ҷараёни амалӣ намудани маърифати педагогию психологии волидон ҳамчун омили самарабахши таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар оила, суҳбат бо омӯзгорон, волидон;

– суҳбатҳои фардӣ ва гурӯҳӣ бо волидону хонандагон;

– ба вуҷуд овардани лаҳзаҳои мубоҳисавӣ дар ҷараёни ҷамъомадҳои волидон;

– таҳлили лоиҳаҳои таълимӣ барои хонандагон ва тариқи озмоиш санҷидани масъалаҳои дар фарзия гузоштaшуда.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** бо истифодаи усулҳои таҳқиқотӣ, ки ба мақсад, мавзуъ ва вазифаҳои он мувофиқанд, таъмин карда мешавад, ки дар ин миён натиҷаи татбиқи корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ дар амалияи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳри Душанбе ва муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ноҳияи Лахш самаранокии онро исбот мекунанд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот аз инҳо иборат аст:**

– таҳлили амиқи адабиёту сарчашмаҳои илмӣ, баррасӣ ва шарҳу тафсири маълумоти дарёфтшуда ва ба низомдарории онҳо, коркарди мушоҳида ва таҷрибаву озмоиш бо зикри натиҷаҳои ба он ноилшуда;

– таҳия ва интишори мақолаву фишурдаҳо доир ба мавзуи таҳқиқот;

– омӯзиш, таҳлил, роҳ ва усулҳо, шаклҳои маърифати педагогию психологии волидон ҳамчун омили самарабахшии таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар оила;

– таҳияи технологияи маърифати педагогию психологии волидон ҳамчун омили самарабахши таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар оила;

– пешниҳоди тавсияҳои методӣ барои волидону омӯзгорон доир ба маърифати педагогию психологии волидон дар мисоли муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳри Душанбе ва ноҳияи Лахш.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот.** Натиҷаҳои таҳқиқот ва хулосаҳои асосӣ дар мавридҳои зерин тасдиқи худро ёфтанд:

– дар раванди ташкили фаъолияти таълимию тарбиявии волидону омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳри Душанбе ва ноҳияи Лахш;

– ҳангоми гузаронидани курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорон дар муасисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ;

– дар конференсияҳои илмӣ-назариявӣ, семинарҳо, маҷлисҳои падару модарон, тренингҳо, мизи мудаввар ва дарсҳои кушод доир ба масъалаи таълиму тарбияи хонанда дар оила;

– дар гузориш ва муҳокимаҳои мунтазам дар ҷаласаҳо ва семинарҳои илмию амалии кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

– ҳангоми маърӯза ва суханрониҳо дар конференсияҳои илмию амалии ҷумҳуриявӣ.

Шурои диссертатсионӣ дар ҷаласа аз 23 августи соли 2025, №16.3 қарор қабул кард, ки ба **Қамчибекзода Гулнора Эшон** дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот дода шавад.

Ҳангоми овоздиҳии пинҳонӣ Шурои диссертатсионӣ дар ҳайати 13 нафар, аз онҳо 2 нафар доктори илм ва 3 нафар номзади илм аз рӯйи ихтисоси самти диссертатсия баррасишаванда, чунин натиҷагирӣ шуд:

- тарафдори додани дараҷаи илмӣ - 13 нафар,
- муқобили додани дараҷаи илмӣ - нест,
- бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси Шурои диссертатсионии 6D.КОА-002-и назди
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ,
доктори илмҳои педагогӣ, профессор: Иззатова М.И.

Котиби илмии Шурои Диссертатсионии 6D.КОА-002,
номзади илмҳои педагогӣ, и.в. дотсент: Қурбонова У.Т.

23.08.2025.

ҶМ

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН • ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ КӮЛОБ БА НОМИ АБУАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ •